# Ифодаи садонокҳо дар хатти форсӣ

Садоноки *«а»* дар мобайни калима ҳеҷ гоҳ навишта намешавад. Садонокҳои *«и»* ва *«у»,* агар кӯтоҳ талаффуз шаванд, дар мобайни калима навишта намешаванд, агар дароз талаффуз шаванд *(«э», «и», «у», «у»)* дар мобайни калима навишта мешаванд.

Ҳарфи ا дар аввали калима овозҳои *«а», «и», «о», «у», «ӯ»* ва *«э»*-ро ифода мекунад. Дар мобайн ва охири калима ا ҳамеша *«о»* хонда мешавад. Агар ا дар аввали калима ~ гирад *«о»* хонда мешавад:

Мисол:

آزاد آرزو آرا آزاد آرزو آرا آرد آوردن آواز آرو آباد

آزاد آورد آردرا دادا آزادرا آورد او داد آب بابا دادن آرا

دارد آواز دادا داد آواز

Дар авали калима ا (алиф) *«а», «и», «у»* хонда мешавад:

ایوان ابرار ابد ابرو ابر اثر ادب ادبیات از

ادبا اذن ادرار ادبار ابرا

Баъзан ҳарфҳои ا ва و якҷоя *«ӯ»* хонда мешаванд:

آورد آب او دارد آرزو او

Ҳарфи ی дар мобайн ва охири калима ба ғайр аз овози *«й»* овозҳои *«и»* ва *«э»*-ро ифода мекунад:

برادری دیروز دیدن بینا تیر ترتیب تدبیر پنیر دبیر پیر دیر

روزی دیواری دیوار دیر زیر ریز

پیررا دید آورد پنیر دیروز وی

Барои ифодаи садонокҳои кӯтоҳ дар алифбои форсӣ аломатҳои махсус мавҷуданд, ки ҳаракатҳо ном доранд. Ҳаракатҳо барои дуруст хондани калимаҳо лозиманд. Ҳаракатҳо аз боло ё аз поении ҳарф гузошта мешаванд.

Ҳаракатҳо чунин овозҳоро ифода мекунанд:

забар ё фатҳа *«а»* хонда мешавад:

نَرد ثَنا داوَر تبر بَبر دَر پَر بَر

– -ِзер ё касра *«и»* хонда мешавад:

بِنا نِدا بِنا اِبتدا

– -ُпеш ё замма *«и»* хонда мешавад:

پُر اُردو اُدبا بُز بُر

Аломати -ْсукун (сокин) дар болои ҳамсадо гузошта мешавад, ки пас аз он овози садонок хонда намешавад, яъне ҳиҷои бастаро ифода мекунад:

پَرْوِن اَیْوَان اَنْبَار دَوْرْ دُزْدْ بَبْرْ بَدْرْ بَنْدْ پَنْدْ

Қоидаи гузоштани ҳаракатҳо одатан дар китобҳои таълимӣ ва саводомӯзӣ риоя мешавад.